10

«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, узви вобастаи
АМИТ, д.и.ҳ., профессор
________ Насриддинзода Э.С
«__» ____06______ 2025

# Х У Л О С А И
# ИНСТИТУТИ ИЛМИЮ ТАҲҚИҚОТИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи аспиранти шуъбаи илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва иктисодии Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Сафарзода Сафармад дар мавзӯи **«Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои Тоҷикистони Марказӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст. Сафарзода Сафармад соли 2010 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2015 донишгоҳи номбурдаро хатм намудааст. Соли 2016 ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзонаи, шуъбаи илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда соли 2019 онро бомуваффақият хатм намудааст.

Сафарзода Сафармад аз соли 2016 то ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДДМИТ фаъолият карда истодааст.

Аз соли 2016 ҳамчун ассистент дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон дар 1 воҳиди корӣ фаъолият менамояд.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Бобоҷониён Даврон мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 09 марти соли 2021, суратҷаласаи №3 ва дар ҷаласаи Шурои олимони Институти илмию таҳқиқотии ДМТ бо қарори №03 аз 12 марти соли 2021 тасдиқ шудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 5 (аъло) аз 30.01.2018, таърих ва фалсафаи илм 4 (хуб) аз 18.06.2019, ихтисос (иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) 5 (аъло), аз 03.05.2025 супорида, соҳиби шаҳодатнома гардидааст.

Аспирант оид ба мавзӯи диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр кардааст.

Диссертатсияи Сафарзода Сафармад дар ҷаласаи васеи шуъбаи илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Институти илмию таҳқиқотии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба тарви ошкоро аз 20 июни соли 2025, суратмаҷлиси №06 муҳокима гардидааст. Ба дисертатсия аз ҷониби роҳбари илмӣ баҳои мусбӣ дода шуда, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 08.00.03 – иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ назди Донишгохи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзӯи Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои Тоҷикистони марказӣ), чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия;**

Баъди комёб шудан ба Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти куллии иқтисодиву иҷтимоӣ гузаронида шуд. Он имкон дод, ки муносибатҳои бозорӣ дар кишвар ба тарви васеъ роҳандозӣ гардиданд. Аз солҳои аввали комёб шудан ба Истиқлоли давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медод, ки барои рушди тамоми бахшҳои иқтисодӣ ва беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии халқ шароитҳои мусоидро фароҳам оварад.

Таҷрибаи беш аз 34-солаи рушди иқтисоди ҷумҳурӣ дар раванди бозор исбот намуд, ки тамоми бахшҳои иқтисодӣ аз мадди назари ҳукумат дур намонанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талош намуд, ки шароитҳои мусоиди сармоягузориро зина ба зина ҷорӣ намояд

Ҳукумати мамлакат бо ин сабаб таваҷҷӯҳи асосиро ба самти ҷалби сармоягузорони дохиливу хориҷӣ равона созад ва ин ҳадаф замина мегузорад, ки тамоми бахшҳои иқтисодии мамлакат рушди бемайлонро пайдо намоянд.

Бояд гуфт, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ мавқеи иҷтимоию иқтисодии тавсеаи сатҳи некуаҳволии дилхоҳ кишвари олам, хароҷотҳои молиявиро тақозо менамояд. Дар ин росто Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз муътадил ва устуворнамоии вазъи сиёсӣ ба дастгирии молиявӣ ниёзи зиёд пайдо намуд. Маълум аст, ки сармоягузорӣ ифодагари асоситарин омили равнақи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, чунин ҳолат аз аҳамияти хоссаи сармоя ба бахшҳои мухталифи иқтисодӣ далолат менамояд. Муҳимтарин

параметрҳо дар низоми шохисҳои макроиқтисодии иқтисоди миллӣ, ки тавсифгари тавсеаи иқтисодии кишвар дониста мешаванд, ин шохисҳои муаррифгари вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа мебошанд. Бо назардошти изҳороти баёншуда, лозим ба қайд аст, ки дар шароити иқтсоди бозорӣ нақши сармоя дар татбиқи маҷмуи чорабиниҳо ҷиҳати беҳбудсозии тавсеаи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ниҳоят мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар робита ба ин, аҳамияти то кадом андоза такмили механизми дастгирии сармоягузорӣ вуҷуд дорад. Инчунин, такмили механизмҳои дастгирии сармоягузорӣ дар шароити минтақа қобилияти рақобатпазирии истеҳсолот ба молҳо ва хизматрасониҳо афзоиш ёфта, инкишофи муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар заминаи такмили сарчашмаи сармоягузорӣ таъмин мегардад.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия;**

Диссертатсияи аспиранти Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сафарзода Сафармад дар мавзӯи “Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои Тоҷикистони марказӣ)”, барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳад гузошт.

**Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ;**

Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои гузариши соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба технологияҳои инноватсионию рақамӣ ба нишондоди Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 робита дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар асоснокнамоии ҷанбаҳои назариявии шаклгирии иқтидори сармоягузории минтақа ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизми таҳрики фаъолнокии фаъолияти сармоягузорӣ ифода меёбад.

Муҳимтарин натиҷаҳое, ки муайянкунандаи навгонии илмӣ маҳсуб ёфта, барои дифоъ пешниҳод мегарданд, чунинанд:

- рӯйкардҳои аслии илмӣ доир ба мафҳуми механизми дастгирии сиёсати сармоягузории иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар умум хулосабандӣ карда шудаанд. Дастгоҳи дараҷабандии назарияи механизми дастгирии сармоягузории минтақа ба таври густурда тавзеҳ дода шуда, муаллиф дар воқеъ моҳияти мафҳуми “механизми дастгирии сармоягузорӣ”-ро ҳамчун маҷӯъи фурсатҳои сармоягузорӣ барои иқтисоди минтақа, ки дар умум ифодагари кулли захираҳои моддӣ-ғайримоддӣ ва воситаҳои истеҳсолот мебошанд ва босамар истифоданамоии онҳо аз имконоти маблағгузориҳои субъектҳои иқтисодӣ ва дороиҳои дарозмуддат вобастагӣ доранд, тавҷеҳ намудааст. Мушаххас карда шуд, ки механизми дастгирии сармоягузорӣ ба унвони яке аз шартҳои асосӣ ҷиҳати расидан ба натиҷаҳои ниҳоии татбиқи имконоти мавҷуда дар самти тавсеаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ баромад намуда, дар муносибтарин шакл механизми дастгирии сармоягузорӣ ва равнақи фарояндҳои сармоягузориро ҳамчун шарти босамар истифоданамоии иқтидори табиӣ-захиравии минтақа таҷассум менамояд;

- шартҳои такмили механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ҳамчун фароянди мутаҳҳидсози заминаҳо барои татбиқи фаъолияти сармоягузорӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва имконоти сармоягузориҳо дар пояи истифодаи оқилонаи иқтидори табиӣ-захиравӣ, демографӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа мушаххас шудаанд. Зарурияти ҷузъиёти муносибсозии идоранамоии фароянҳои ҳамкориҳое, ки метавонанд дақиқан оқилона моҳият ва мубрамияти барномаҳо ва самтҳои афзалиятноки соҳаҳои амиқи иқтисоди минтақаро инъикос намоянд, асоснок карда шудааст.

-хусусиятҳои такмили механизми дастгирии иҷтимоӣ-иқтисодии тавсеаёбии Тоҷикистони марказӣ бо назардошти арзёбӣ ва таҳлили таъминнокии захиравӣ, сатҳи самаранокӣ, таъсири омилҳо ва шарту шароити бо афзоиши ҷараёни сармоягузориҳои ба минтақа вобаста аниқ карда шудаанд. Исбот карда шудааст, ки арзёбии ҷаззобияти сармоягузории минтақаро метавон барои такмили механизми дастгирии давлатии фаъолияти сармоягузорӣ, бо дарназаргирии омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва ҷуғрофии дар афзоиши ҷалби сармоя боисшаванда, мавриди истифода қарор дод;

- мавқеи он ки барои шаклгирии шароити мусоид, истифоданамоии механизмҳои дастгирии сармоягузорӣ, равнақи навъ ва равишҳои дастгирии сармоягузории ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ нигаронидашуда,

ки мумкин аст дар баландбардории сатҳи фаъолнокии сармоягузории субъектҳои хоҷагидорӣ ва тавсеаи соҳибкорию равнақи минтақаҳои озоди иқтисодие, ки метавонанд дар андешидани чораҳо ҷиҳати беҳдошти низоми ҳавасмандгардонии тавсеаи равнақи иқтидори сармоягузориҳо дар ноҳияҳои Тоҷикистони марказӣ боис гардида, асоснок карда шудаанд;

- самтҳои асосии такмили механизми дастгирии сармоягузорӣ бо чунин роҳ асоснок карда шудаанд:

- коркарди низоми чораҳо барои равнақи навъҳои дастгирии сармоягузории унвонӣ бо назардошти дурнамои тавсеаи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва такмили сиёсати сармоягузории минтақавӣ;

- асосоноknамоии зарурияти такмили танзими давлатӣ ҳангоми шаклгирии механизми буҷетӣ-андозӣ ва дастгириҳо ҷиҳати фаъолноkнамоии фаъолияти сармоягузорӣ ва истифодаи асарбахшонаи иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа;

- такмили механизми давлатии танзими фаъолияти сармоягузорӣ бар асоси таҳрики фаъолнокии фароияндҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо мақсади вусъатбахшии ҳадафҳои рушди устувори минтақа;

- муносибат ва рӯйкардҳо доир ба пешниҳоди муносибатҳо дар самти шаклгирии абзорҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои нисбатан афзалиятдоштаи иқтисоди минтақа бар асоси ташаккули низоми якшаклаи мониторинги тавсеаи иҷтимоӣ-иқтсодии минтақа, ки метавонад фурсати саривақт арзёбинамоии фароияндҳои ноил шудан ба ҳадафҳо барои рушди иқтисодии минтақа зарур, дақиқнамоии шароити ташкилӣ-иқтисодии муносибгардонии тавсеаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо назардошти истифодаи оқилонаи иқтидори гидроэнергетикӣ барои татбиқу таҳрики ҳадафҳои рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа мавриди коркард ва пешкаш қарор дода шудаанд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо;**

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзӯи “Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои Тоҷикистони марказӣ)” дар ҷараёни фаъолияти корхонаҳои гуногун истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин, натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти мақомотҳои идоракунӣ ва дар вақти омӯзиши масъалаҳои илмӣ ва таълимӣ истифода бурд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ;**

Саҳми шахсии муаллифро дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, тибқи муқаррарот то марҳилаҳое, ки такмили механизми дастгирии сиёсати иҷтимой-иқтисодии минтақавӣ маҳсуб меёбад, истифода бурдан ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. **Сафарзода С.** Инвестиционный процесс и его роль в развитии социально экономических условий регионов Таджикистана/ Сафарзода С.// Вестник Таджикского национального Университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2018. №9.- С. 38-43.

[2-М]. **Сафарзода С.** Инвестирование: финансовый источник социально-экономического развития регионов Республики Таджикистан. / Сафарзода С.// Вестник Таджикского национального Университета. Серия социально-экономических и общественных наук.-Душанбе, 2019. - №10. - С. 61-66.

[3-М]. **Сафарзода С.** К вопросу: теории и практики региональной инвестиционной политики в условиях рынка./ Сафарзода С.// Международный научный журнал, Образование и наука в России и зарубежом.- №15 (63).- Московский двор 2019 г.- С. 29-36.

[4-М]. **Сафарзода С.** Республика Таджикистан: инвестиционная поддержка социально-экономического развития региона./ Сафарзода С.// Вестник Таджикского национального Университета. Серия социально-экономических и общественных наук.-Душанбе, 2020. - №9. - С. 141-146.

[5-М]. **Сафарзода С.** Оценка основных условий и факторов инвестиционной поддержки социально-экономического развития региона. / Сафарзода С.// Финансово-экономический вестник. – Душанбе, 2020.- №4/2(34). - С. 91-98.

[6-М]. **Сафарзода С.** Принципы и факторы инвестиционной поддержки социально-экономического развития региона в Республике Таджикистан. Сафарзода С.// Финансово-экономический вестник. – Душанбе, 2023.- №3(37). - С. 272-282.

Феҳристи асосии маводи диссертатсионии мазкур дар ҳаҷми 13 кори илмӣ ба табъ расонида шуда, 6 мақола дар маҷалаҳои илмии аз

ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тавсияшуда нашр шуда 7 фишурда дар нашрияҳои дигари илмӣ ва маводи конференсияҳо ба чоп расидаанд. Диссертатсияи Сафарзода Сафармад дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-ичтимоии минтақа (дар асоси маводҳои Тоҷикистони марказӣ)» кори илмии ба анҷом-расида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисоди аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – иқтисодиёт минтақави ва ҳудудӣ мувофиқ аст.

**Қарори ҷаласаи шуъба**

Бо назардошти ақидаҳои дар боло зикршуда, дар чаласаи васеи шуъбаи илмҳои гуманитари, ичтимои ва иқтисодии Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Сафарзода Сафармад дар мавзуи **«Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-ичтимоии минтақа (дар асоси маводҳои Тоҷикистони марказӣ)»** кори илмии ба анҷомрасида меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина, диссертатсияи мазкурро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисоди аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – иқтисодиёт минтақави ва ҳудудӣ ба ҳимоя тавсия менамояд.

Дар ҷаласа 25 нафар, аз ҷумла 3 нафар доктори илмҳои иқтисоди 19 нафар номзади илмҳои иқтисоди ва ходимони илмӣ иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»- 25 нафар, «зид» нест, «бетараф» нест Протоколи №__06__ аз _20_ июни_ соли 2025.

**Раискунанда**: Сарходими ИИТ ДМТ
д.и.и, профессор — Раҳимзода Ҳ.Р

**Котиб:** мудири шуъбаи
илмҳои гуманитари, ичтимои
ва иқтисоди н.и.т. — Ҷумаева П.А.

Сардори шуъбаи кадрҳои ИИТ ДМТ — Раҳматуллоева З.Х.
«21» 06 соли 2025.